“ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ”
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
доктори илмҳои таърих,
профессор Ибодуллозода А.И.
_______________________
«_17_» ___01___ 2024с.

# ТАҚРИЗИ

***муассисаи пешбар ба диссертатсияи Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна дар мавзуи “Хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)***

*Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда*

Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна, ки дар он хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ таҳқиқу баррасӣ шудааст, ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мувофиқат менамояд, аз ҷумла: ба *бахши 1* - Методологияи таҳқиқот оид ба назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (дидгоҳҳои илмӣ ба таҳқиқи рушди таҳсилоти касбӣ, робитаи назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ бо соҳаҳои илми педагогӣ ва илмҳои дигар; робитаи мутақобили назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ бо амалия; методҳои таҳқиқи таҳсилоти касбӣ); *бахши 10* - Омодагии мутахассисон дар низоми таҳсилоти бисёрсатҳӣ; *бахши 11* - Технологияҳои муосири таҳсилоти касбӣ; *бахши 13* - Муҳити таҳсилоти муассисаи таълимии касбӣ мутобиқат дорад.

Мавзуи диссертатсияи Бобоҷонова С.Р. мубрам ва дархурди тақозои замони муосир буда, муҳиммият ва зарурияти таҳқиқи муаммои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар кори диссертатсионӣ ба таври асоснок ва боэътимод арзёбӣ гардидааст.

Мубрамии мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи Бобоҷонова Саломат бо он муайян карда мешавад, ки дар шароити муосири инкишофи давлати ҳуқуқӣ таҳқиқи муаммои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда аҳамияти махсус пайдо менамояд. Эҳтиёҷоти ҷомеа

зарурати тағйир додани низоми таҳсилотро дар самти фарогирии фазои ҳуқуқӣ ва инкишофи онро ҳамчун воситаи ҳуқуқӣ ва зернизоми ҷомеаи шаҳрвандӣ ба миён овардааст. Робитаи фарҳанги сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, ки раванди фаъолияти амалии ҳаёти одамонро инъикос менамояд, ҷомеаи комили шаҳрвандиро ташаккул медиҳад. Муҳаққиқ таъкид мекунад, ки дар ин раванд нақши пешбару масъул ба омӯзгор мансуб аст.

Имрӯз муаммои баланд бардоштани сатҳи ахлоқиву ҳуқуқии насли наврас ба миён омадааст. Ба ҷомеа омӯзгоре лозим аст, ки донишҳоро оид ба соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ фаро гирифта, онҳоро дар амалия татбиқ карда, аз ҳуқуқҳояш истифода бурда тавонад, дар самти пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон кор барад, арзишҳои ҳуқуқии ҷомеа барояш аҳамияти шахсӣ дошта, соҳиби маҳорати ба роҳ мондани фаъолияти ҳуқуқӣ-тарбиявӣ бошад.

Ба ақидаи муҳаққиқ, имрӯз омӯзгор бояд ҷиҳати дар худ таҷассум намудани сифатҳои педагоги ормонӣ (идеалӣ) кӯшиш намояд, дар самти худтакмилдиҳӣ пайваста кор барад, фаъолияти таълимию тарбиявиро ба маҷрои тақвияти зеҳнии миллат равона созад, насли нави шаҳрвандони бошуурро ташаккул диҳад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ санаи 01.09.2022 дар Рӯзи дониш ва ифтитоҳи бинои асосии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон таъкид карда буданд, ки бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, омода кардани кадрҳои баландихтисос, роҳбарони муассисаҳои таълимиро зарур аст, ки ба масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи дониш ва касбияти омӯзгорон дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, бахусус, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоиву миёнаи касбӣ эътибори аввалиндараҷа диҳанд.

Мутахассиси ҷавон-омӯзгор бояд, ба масъулияти торафт афзуншавандаи ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ, ба мустақилият ва оқилона рафтор намудан дар ҳаёти иҷтимоӣ омода бошад.

Аз ин нуктаи назар, унвонҷӯй дуруст қайд менамояд, ки дар ҷомеаи муосир шуури ҳуқуқии аксари омӯзгорони ҷавон ба талаботи вақт мувофиқ нест. Сатҳи пасти шуури ҳуқуқии онҳо дар роҳи рушди давлати ҳуқуқӣ ва ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон монеаи ҷиддӣ мебошад. Вазъияти мазкур аз ҳар як омӯзгори оянда донишҳои муайянро дар соҳаи ҳуқуқ, муносибати мусбатро ба он тақозо менамояд, яъне ташаккули шуури ҳуқуқии касбии ӯ зарур аст.

Бинобар ин, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Бобоҷонова бе шак мубрам ва замонавӣ маҳсуб дониста мешавад.

*Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.* Диссертант дар таҳқиқи мавзуъ, дараҷа ва робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқ, вазифа, объект, фарзия, марҳила, макон ва давраи таҳқиқ, асосҳои назариявию методологӣ ва навгонии илмӣ саҳми худро гузоштааст. Масъалаҳои асосии таҳқиқ тарҳрезӣ шуда, ҷустуҷӯ ва натиҷагириҳои илмии унвонҷӯ дар раванди фаъолияти педагогии муаллиф ба сифати омӯзгори донишгоҳ амалӣ гардида, натиҷаҳои он дар ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети педагогика ва таҳсилоти ибтидоӣ, кафедраи ҳуқуқшиносии факултети таърих ва ҳуқуқи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров», дар семинарҳо, конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ инъикос ёфтаанд. Дар натиҷаи таҳқиқоти ҷамъбастгардида диссертант ба чунин хулоса омадааст, ки ташаккули шуури ҳуқуқӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҳаётии субъект дар натиҷаи таъсироти мутақобили шахсият бо фарду дигар аъзоёни ҷомеа, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва дарки маълумоти ба дастомада сурат мегирад. Дар шуури ҳуқуқии донишҷӯён - омӯзгорони оянда шавқу рағбатҳои гурӯҳии он инъикос меёбанд. Дар сатҳи таҷрибавӣ онҳо дар самтгириҳои ҳуқуқии ҷавонон, дар муносибати онҳо ба сохтору институтҳои ҳокимият, ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ ифода меёбад.

Муайян карда шудааст, ки шуури ҳуқуқии донишҷӯён, аз ҷумла, педагогҳои оянда сохтори шахсиятӣ мебошад, ки ягонагӣ ва томмияти онро дониши ҳуқуқӣ, муносибати арзишмандона ба ҳуқуқ, малакаи иҷрои амалҳо ва ба ифоқа андохтани рафтори худ дар доираи қонун таъмин мекунанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии анҷомёфта ба хулосае расондааст, ки зарурати ташкили таълими асосҳои фарҳанги ҳуқуқӣ ба педагогҳои оянда вуҷуд дорад.

*Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ : навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ*

Диссертатсияи Бобоҷонова С.Р. таҳқиқоти комилу анҷомёфтаи илмист, ки дорои аҳамияти назарию амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар ғанӣ гардидани назария ва амалияи таҳсилоти педагогӣ бо донишҳои муосири ҳуқуқӣ; асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён; муназзам намудани ҷузъҳои мундариҷавӣ, методӣ ва тартиботии раванди ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён – омӯзгорони оянда; аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудан ва тарҳрезии амсилаи ташаккули шуури ҳуқуқӣ дар раванди таҳсилот; муайян кардани хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён – омӯзгорони оянда дар муайян кардани маҷмӯи воситаҳои

меъёрӣ-ташхисӣ, ки барои мушоҳида ва мониторинги раванди мазкур ифода меёбад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар рафти тадқиқот зарурати таҳия намудани амсилаи маҷмӯавии ташаккул ва баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда ба вуҷуд омад ва он аз ҷониби муаллиф татбиқ гардид.

Арзиши амалии таҳқикот дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бо истифодаи методҳои интерактивии таълим дар машғулиятҳои фанни “Ҳуқуқ” самаранокии онро дар кори таҷрибавӣ - озмоишӣ тасдиқ менамояд. Пешниҳод менамояд, ки барои ташаккул ва баланд шудани сатҳи шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда методи мазкур фаъолона ба роҳ монда шавад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар нуктаҳои зерин ифода меёбад:

- амсилаи ташаккул додан ва баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии донишҷӯён - омӯзгорони оянда коркард шуд;

- технологияи инноватсионии ташкили раванди таълиму тарбия дар доираи фанни «Ҳуқуқ» дар асоси истифодаи комплекси технологияҳои таҳсилот коркард шуд, ки ба шахсият, қобилияти эҷодӣ ва рефлексивии ӯ нигаронида шудааст.

- технологияи ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилот тарҳрезӣ гардид.

Довталаб дар ҷараёни корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба ҳаллу фасли мақсади таҳқиқот ноил шуда, дуруст будани фарзияи пешниҳодкардаи муҳаққиқ тасдиқи худро ёфтааст.

Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳодшуда бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмпирикии таҳқиқот, инчунин натиҷаи корҳои озмоишӣ, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба вазифаҳои марҳалаҳои асосии таҳқиқот мутобиқ ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст.

Натиҷаи амалии таҳқикот ва тавсияҳои методии таҳиягардида, роҳу усулҳо ва технологияи коркарду санҷидашудаи пешниҳодгардида метавонанд дар раванди машғулиятҳои фанни “Ҳуқуқ” дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд.

Аз мутолиаи диссертатсия муайян гардид, ки он аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулосаҳои бобҳо дар алоҳидагӣ, хулосаи умумӣ, феҳристи адабиёти илмӣ ва замимаҳо иборат аст.

Муаллифи диссертатсия дар муқаддима оид ба мубрамии масъалаи мазкур, мақсаду вазифаҳои таҳқикот, ҳадаф, объект ва фарзияи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқикот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот,

марҳалаҳои таҳқиқот, нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия, коркарду татбиқи натиҷаҳои кор хеле хуб мулоҳизаронӣ намудааст.

Муҳаққиқ вазифаҳои таҳқиқотро хеле дурусту нишонрас муайян карда, муносибати назариявии таҷрибаи рамзӣ дар хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда - донишҷӯёни мактаби олиро дар раванди таҳсилот таҳқиқ ва таҳлил намуда, мафҳуми шуури ҳуқуқиро коркард карда, хусусияти ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони ояндаро дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ ошкор намудааст.

Боби якуми диссертатсия ба омӯзиши "Асосҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ" бахшида шуда, масъалаҳои мафҳум, моҳият ва мундариҷаи ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда, технологияи педагогии ташаккули шуури ҳуқуқӣ хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии шахсияти донишҷӯён-омӯзгорони оянда баррасӣ гардидаанд.

Дар боби дуюми рисола "Роҳҳо ва воситаҳои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда" мавриди омӯзиш қарор дода шуда, амсилаи ташаккул ва баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии донишҷӯён оварда шудааст. Дар боби мазкур самаранокии истифодаи методҳои интерактивии таълими фанни "Ҳуқуқ" ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ оид ба ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда таҷассум гардидааст.

Дар хулоса натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст карда шуда, дурнамои ҳаллу фасли муаммо нишон дода шудааст.

Дар натиҷа муаллифи рисола ба хулосае расидааст, ки зарурати ташкили таълими асосҳои фарҳанги ҳуқуқӣ ба омӯзгорони оянда вуҷуд дорад.

Диссертатсияи Бобоҷонова С.Р. мустақилона, дар заминаи омӯзиш ва таҳлили амиқи асарҳои психологӣ, ҳуқуқӣ, педагогӣ ва методӣ, инчунин таҳқиқ ва корандозии маводи амалӣ доир ба масъалаи пажӯҳиш таҳия гардидааст.

Таҳқиқоти ҳамаҷониба, ки аз пажӯҳишгар муайян намудани хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории низоми педагогиро тақозо менамояд, ба муаллифи рисола имкон додааст, ки нуктаҳои асосии рисола ва натиҷаҳои таҳқиқотро ба таври илмӣ асоснок кунад. Ҳаллу фасли мақсади таҳқиқот имконият медиҳад, ки коркарди минбаъдаи фароҳи илмии муаммои низоми педагогӣ ва технологияи ташаккул ва баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ дар раванди муосири таҳсилот дар шароити мактаби олӣ амалӣ гардад. Таълими фанни "Ҳуқуқ" дар донишгоҳҳои педагогӣ зарурати қонеъ гардонидани эҳтиёҷ ба баландшавии сатҳи шуури омӯзгорони оянда ва дар натиҷа, фарҳанги ҳуқуқии онҳо ва ташаккул додани омодагии онҳо ба амалисозии

тарбияи ҳуқуқии мактаббачагон дар фаъолияти минбаъдаи касбӣ, зарурати татбиқи барномаи пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ба миён овардааст.

Натиҷаи татбиқ ва амалкарди амсилаи ташаккул ва баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии донишҷӯён афзудани самаранокии ташкили раванди омодагии умумиҳуқуқӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилоти ҳуқуқии омӯзгорони оянда ва ҳамчун натиҷа баланд шудани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии онҳо мебошад.

Довталаб дар ҷараёни корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба ҳаллу фасли мақсади таҳқиқот ноил шуда, дуруст будани фарзияи пешниҳодкардаи муҳаққиқ тасдиқи худро ёфтааст. Кори озмоишӣ ба муқоисакунии маълумоти ба даст овардашуда оид ба таҷрибаи баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда то таҳқиқот ва пас аз таҳқиқот асос ёфтааст.

Диссертатсия бо забони хуби илмӣ навишта шуда, баёнгари он аст, ки унвонҷӯ дар атрофи мавзуи интихобнамудааш аз оғози таҳқиқоташ то охир ҷиддан таҳлили кори илмӣ бурдааст.

Нуктаҳои асосии илмӣ-методии таҳқиқот дар 1 дастури методӣ, 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 3 мақола дар нашрияҳое, ки дар феҳристи маҷаллаҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Русия тавсия шудаанд, нашр гардидаанд.

Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар раванди фаъолияти педагогии муаллиф ба сифати омӯзгори донишгоҳ амалӣ гардидаанд, инчунин дар ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсус, кафедраи ҳуқуқшиносии факултети таърих ва ҳуқуқи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров», дар семинарҳо, конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ муҳокима шуданд.

Бобоҷонова С.Р. дар ҷараёни таҳлили маводи бисёр ва пурарзиши гирдовардааш барои эътимод бахшидан ба андешаронии хеш ба осори таҳқиқии зиёди муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ такя намуда, дар мавридҳои зарурӣ аз маъхазҳои гирдовардааш ба таври фаровон истифода бурдааст.

Дастгоҳи илмӣ ва сохтори диссертатсия, автореферати он мувофиқи талаботи “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия” (қарори Раёсати КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017 №3/1) дар сатҳи хуб таҳия гардида, муҳтавои автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти

аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Таҳқиқоте, ки Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна ба анҷом расонидааст, ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз диди амалӣ барои илми педагогика боз як кори таҳқиқотии нав буда, дастовардҳои илмии ӯ барои корҳои илмии минбаъда раҳнамои хуб хоҳад буд.

Бо вуҷуди муваффақиятҳои илмию амалии рисола зарур мешуморем, ки баъзе аз тавсияхое, ки муҳим ба назар мерасанд, пешниҳод карда шаванд:

- дар рисола теъдоди зиёди адабиётҳои илмӣ оид ба масъалаи таҳқиқшаванда омӯхта ва таҳлил шудаанд, аммо аз нигоҳи мо таҳқиқотҳои олимони кишвар дар диссертатсия оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нисбатан камтар таҳлил гардидаанд.

- мувофиқи мақсад мешуд, ки пойгоҳи озмоишии рисола васеътар карда шуда, ба ғайр аз ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров ва Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент дар пойгоҳи озмоишӣ боз дигар донишгоҳҳо дарбар гирифта шаванд.

- дар рисола баъзе хатогиҳои техникӣ ва имлоӣ дида мешаванд, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар намудани сифати он мусоидат менамояд. Нуктаҳои баёншуда танҳо пешниҳод буда, ҳаргиз арзиши назарӣ ва амалии рисолаи мавриди назарро коҳиш намедиҳад.

**ХУЛОСА:**

Натиҷаҳои боэътимод, хулосаҳои назариявӣ ва асоснокии корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, ки аз тарафи муаллифи рисола ба даст оварда шудааст, аз моҳияти баланди арзишманди илмӣ доштани диссертатсияи тақризшаванда гувоҳӣ медиҳад.

Дар умум, муаллиф ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқотро пурра ҳал намудааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асосноканд, мундариҷаи рисола мутобиқи назари мантиқӣ шакл гирифтаанд ва муаллиф соҳиби қобилияти хуби илмофарӣ мебошад. Натиҷаҳои илмии рисола барои рушди назария ва амалияи илми педагогика саҳмгузор аст.

Диссертатсияи Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна дар мавзуи "Хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ" ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, бо назардошди тағйиру иловаҳо ба тартиби мазкур тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023 таҳти № 295 ва "Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос,

номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия" (қарори Раёсати КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017 №3/1 комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи психологияи умумӣ ва педагогика, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна иштирок ва бо маъруза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ - назариявии кафедраи психологияи умумӣ ва педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ 12 нафар омӯзгорону устодони унвондори донишгоҳ иштирок карданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор"- 12 нафар, "бетараф" – нест, "муқобил" – нест. (қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ - назариявии кафедраи психологияи умумӣ ва педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ аз 15 январи соли 2024, №6

Раиси ҷаласаи васеи семинари
илмӣ – назариявӣ, мудири кафедраи
психологияи умумӣ ва педагогикаи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Разоқов Х.С.

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
дотсенти кафедраи психологияи умумӣ
ва педагогикаи Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Тураев Ё.Б.

Котиби ҷаласаи васеи
семинари илмӣ – назариявӣ Ахмедова Ф.

*Имзоҳои Х.С. Разоқов, Ё.Б. Тураев ва Ф. Ахмедоваро тасдиқ менамоям.*
Сардори РК ва КМ-и МДТ
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.

Маълумот барои тамос: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 127; тел.+992 (37) 224 13 83,
Email: info@mail.ru вебсайт: www.tgpu.tj